# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа**

Дар давоми даҳсолаҳои охир масъалаи мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм диққати ҷомеаи башариро ба худ ҷалб намуда, ба масъалаи глобалии ҷаҳони муосир табдил ёфтааст. Омӯзиши ин масъала дар корҳои зиёди илмии таҳлилгарон, файласуфон ва сиёсатмадорон баррасӣ карда шудааст ва масъалаи мазкур онро тақозо мекунад, ки ин самт бояд ба таври васеъ ва ҳаматарафа омӯхта шуда, сабабу омилҳо ва чораҳои бартарафкунандаи он муайян карда шавад. Муқобилияти илмӣ-идеологӣ накардан дар муқобили гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва ҳаракатҳои моҳияти террористидошта, боиси он гаштааст, ки ифротгароиён муҳит ва фазои иттилоотии диниро зери назорати худ қарор додаанд. Надоштани ҷаҳонбинии илмӣ, нодуруст истифода намудани шабакаҳои иттилоотӣ (интернет), нодида гирифтани самараи истиқлолият, сулҳу субот ва оромии ҷомеа, бепарвоӣ ва бегонапарастии бархе аз аъзоёни ҷомеа сабаби пайдоиш ва инкишофёбии як қатор гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ гардидааст.

Саидов Д.М. дар автореферати худ тавонистааст, ки сабабҳои пайдоиш ва моҳияти чунин гурӯҳҳои динӣ-ифротиро ошкор намуда, нақши онҳоро дар ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсии замони муосир ва таъсири манфии онҳоро дар таъмини амнияти маънавии ҷомеа ва рушди давлатдории муосири тоҷикон муайян намудааст.

Саидов Д. иброз менамояд, ки масъалаи таъсири равия ва ҳизбҳои тундраву террористӣ ба ҷомеаи муосир ва ҳаёти маънавии ба доғи рӯз табдил ёфтааст. Он вобаста ба равандҳои мураккабу мушкилоти замони ҳозира, мисли моҷароҳои милливу динӣ ва минтақавӣ, мушкилоти ҳалли масъалаҳои гуногуни иҷтимоӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ ва иҷборӣ, инқилобҳои иҷтимоӣ, ривоҷи таассуби миллию динӣ, фаъолияти аҳзобу равияҳои ифротгарову, террористӣ хеле афзудааст ва ҷаҳони муосирро ба яке аз мушкилоти хеле ногувор-мубориза зидди терроризми байналхалқӣ, гирифтор сохтааст. Модернизатсияи иқтисодию иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқи Наздику Миёна ба бунбаст дучор шуда, ба ҷунбиши пурқуввати бунёдгарони исломӣ, ки моҳияти ифротгароӣ ва террористӣ доранд, такони бештар бахшидааст.(с.3)

Дар таҳлилу таҳқиқи ин масъала муаллиф дар автореферати худ якчанд навовариҳоро нишон додааст:

- Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои

зерини он, ки навоварии рисоларо нишон медиҳанд ва таҳдидҳоро ба амнияти маънавӣ ифода мекунанд пешниҳод карда шудааст:

- мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст.

- ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷузъ ифротгароёни исломӣ инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир баён шуда қайд гардидааст, ки муҳимтарин заминаи асосии таҳдиди амнияти маънавии ҷомеа сатҳи пасти маънавии қисме аз аҳолии худи ҷомеа аст.

- дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои ҷаҳони муосир пайдоишу вусъати фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки ба мушкилоту хусусиятҳои ин давраи тараққиёти кишварҳои ҷаҳони ислом алоқамананд, мебошанд, ки ба он боз сиёсатҳои худхоҳиву бузурги давлатӣ ва рақобати онҳо илова мешавад. Масъалаи мазкур ҳамаҷониба мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта таъсири он ба амнияти маънавии баъзе кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷумла Тоҷикистон баён шудааст.

- роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

- усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Ба андешаи Саидов Далер Муҳибуллоевич таълимоти ҳаракатҳои радикалӣ ва террористӣ ба рушди ҳаёти солими маънавӣ халал расонида мардуми ноогоҳро пойбанди ҳаргуна ақидаҳои манфие, ба мисли зӯроварӣ, ифротгароӣ, низоъҳои мазҳабию сиёсӣ месозанд, ки ба амнияти ҷомеа хатарҳои ҷиддие доранд. Дар ҷомеа мавқеъ гирифтани чунин ақидаҳо заминаҳои устувори ғоявӣ барои ифротгароӣ ба вуҷуд меоваранд, ки таъсири номатлуби он метавонад солҳои зиёде дар ҳаёти маънавии иҷтимоӣ эҳсос шавад. Муаллиф қайд менамояд, ки амнияти ҳаёти маънавии ҷомеаи тоҷик дар замони муосир ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил ёфта, нишон додани роҳҳои пешгирии ин таҳдидҳо масъалаи ҳаётан муҳимми тамоми ҷомеа мебошад. Масъалаи таъмини амнияти маънавӣ имрӯз дар ҷумҳурӣ ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ аз муҳимтарин масъалаҳои таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад.

**Диссертант чунин андеша дорад, ки маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин**

масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоияшон муассиртар аст. Алалхусус, вақте идеологҳои онҳо ба аслҳое такя мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад. Аз ин рӯ, кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми улуми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст. (С.3)

Аҳамияти ин мавзӯъ инчунин дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур моҳияти таҳдидҳои маънавӣ аз ҷониби равияҳои тундраву ифротгаро баррасӣ шуда, таъсири номатлуби онҳо ба ҳаёти маънавии кишвар аз лиҳози фалсафӣ таҳлил мегардад, роҳу воситаҳои пешгирии ин таҳдидҳо ва таъмини амнияти ҳаёти маънавии Ҷумҳурӣ илман нишон дода мешавад. Баррасии масъалаи мазкур моҳияти зарарноки ин гурӯҳҳои динӣ-ифротиро боз ҳам равшантар месозад.(С.4)

Назари муаллиф чунин аст, ки дар ифротгароӣ тардиди қонунҳои давлатҳои дунявӣ ва меъёрҳои фарҳангии умумибашарӣ ҷой дорад. Ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки дар он вайрон намудани низоми мавҷудаи иҷтимоиву фарҳангӣ мушоҳида шуда, моҳиятан, раванди зиддитамаддунӣ ба ҳисоб меравад. Ба таври куллӣ, ифротгароиро ба маънии ифрот (аз ҳадди зарурӣ зиёд нишон додани мафҳуме ё чизе) ва тафрит (аз андозаи зарурӣ кам нишон додани мафҳуме ё чизе) дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ метавон маънидод кард. Ҳар гуна тафрит дар ақида ба ифротгароӣ мебарад.(С.13)

Автореферат эҷодкорона навишта шуда, мазмун ва муҳтавои ҳар як масъалаи матраҳгардида, дар сатҳи баланди илмиву фалсафӣ таҳлил шудаанд. Дар кор мустақилияти фикрӣ ва таҳлилу андешаронии хоси муаллиф равшан мушоҳида мешавад.

Аз автореферат чунин бар меояд, ки диссертатсия аз муқаддима, ду боби фарогири шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Хулосаҳое, ки муаллиф пешниҳод намудааст, хусусиятҳои ҷиддии илмӣ дошта, мантиқан асосноку дурустанд ва вижагиҳои тадқиқоти гузаронидаи муаллифро инъикос менамоянд.

Сарфи назар аз дастоварду муваффақиятҳои илмӣ дар шарҳу тавсифи мавзӯъҳои матраҳгардидаи автореферат баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасад:

1. Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, ки ин таҳрирталаб аст.

2. Дар автореферат баъзе иборахое истифода мешаванд, ки бо қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ ихтилоф доранд, масалан ибораи "хосияти махсуси фарққунанда", "мавҷудияти мактабҳои махфии динӣ дар Тоҷикистон низ мавҷуданд".

Хулоса мазмуни автореферат ва корҳои банашррасондашуда моҳияти тадқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд. Ба андешаи мо, диссертатсия ба таври касбӣ навишта шудааст ва хулосаҳою навовариҳои он аз касбияти баланди муаллиф гувоҳӣ медиҳад. Аз мухтавои автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки муаллиф кори арзишманди илмиеро анҷом додааст ва камбудиву норасоиҳои зикршуда ҷиҳати пешниҳоди намудани он ба ҳимоя монеъ намешаванд. Рисола ба талабот мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа мебошад.

Мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои фалсафа — Абилзода Гуландом Сардор

Сана: 21.12.2020
734025, ш. Душанбе, куч. Саид Носир 33
abilova.78@mail.ru
(992)918790887

Имзои Г.С. Абилзодаро «тасдиқ мекунам».

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Суфиев Ф.Р.